# Инкишофи бозӣ дар ҳаёти инсон.

Дар ин давра бозии нақшдору мазмуннок ба вуҷуд меояд.

Заминаҳои пайдоиши бозиҳои нақшдору мазмуннок аз инҳо иборат аст:

- Таҷрибаи бо калонсолон ва ҳамсолон, тасаввурот оид ба меҳнат ва касбу кори калонсолон;
- Фаъолияти ашёгии инкишофёфта;
- Амалиёт ва нутқи инкишофёфта.

Амалиёти иваз карда тавонистани як ашё бо дигар ашё (чӯбча -қошуқ).

Чи тавре, ки дар боло қайд кардем кӯдакон дар 5-7 солагӣ ба бозии нақшдору-мазмуннок шавқу ҳавас пайдо мекунанд. Танҳо дар он мавриде, ки заминаҳои зарури гузошта мешавад, чунин бозӣ дар ҳаёти кӯдак пайдо мешавад.

Хулоса:

Дар бозӣ кӯдак ҳодисаҳои дидаю шунидаашро ва ҳаёти калонсолонро инъикос мекунад. Дар бозӣ ба монанди бозиҳои миллӣ дигар фаъолиятҳои инсон характери таърихӣ-ҷамъиятӣ дошта, бо тағйир ёфтани он характери бозӣ низ меёбад. Бозӣ яке аз воситаҳои инкишофи фаъолияти маърифатии кӯдакон буда хислатҳои неки инсониро ташаккул медиҳад. Дар муассисаҳои томактабӣ дар рафти ташаккули бозиҳо мураббиён хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва қонуниятҳои инкишофи психикии кӯдаконро муайян карда метавонанд.

Бозиҳо аз намудҳои зерин иборатанд.

- Бозиҳои нақшдору мазмуннок (сюжетӣ-ролнок)
- Бозиҳои сохтмонӣ
- Бозиҳои драматизатсионӣ-саҳнавикардашуда
- Бозиҳои серҳаракат
- Бозиҳои дидактикӣ

## 3.Хусусиятҳои инкишофи бозиҳои нақшдору мазмуннок дар кӯдакони синни томактабӣ.

Синни томактабӣ- ин давраи муҳими ташаккулёбии шахсияти кӯдак мебошад. Дар ин давра кӯдакон дониш аз худ мекунанд, муҳити атрофро меомӯзанд ва соҳиби маҳорату малака мегарданд. Воситаи ҳамаи ин муваффакиятҳо- ин бозӣ мебашад.

Дар баробари иҷро намудани чунин бозиҳо дар кӯдакон асосҳои фаъолияти коллективӣ, ҳамкории муштарак, якҷоя ҳал намудани масъалаҳои бозӣ ташаккул меёбад. Бозиҳои эҷодӣ қонунҳои инкишофи худро доранд. Дар ҳар як синнусол кӯдакон амалҳои гуногунро аз худ намуда онро дар бозӣ худ инъикос менамоянд. Сол то сол бозиҳои онҳо ташаккул меёбад. Дар давраи барвақти бачагӣ заминаҳои инкишофи бозии нақшдор гузошта мешавад. Дар он элементҳои бозиҳои нақшдору мазмуннокро дидан мумкин аст, ки вазъияти тасаввуркардашудаи он зина ба зина сюжет, яъне мазмуни муайян пайдо мекунад, ки ин ҷиҳатҳои бозии кӯдакони хурдсол таҷрибаи ҳаётии онҳоро нишон медиҳад. Ғайр аз ин дар бозӣ таъсири таълим низ дида мешавад. Аммо таъсири инъикоси ҳақиқат дар бозӣ (ба монанди истифодабарии бозичаҳо, маводҳое, ки онҳоро кӯдакон бо ҷои ашёҳои гуногун истифода мебаранд, ашёҳои тасаввуркардашуда) танҳо дар синнусоли калони томактабӣ ба назар мерасад ва дар рафти бозиҳои аввалини хурдсолон назар ба кӯдакони синнусоли калонтар баъзе элементҳои бозӣ ба монанди истифодаи бозичаҳо, вазъиятҳои эмотсионалӣ дар кӯдакони хурдсол такрор меёбад. Онҳо бо роҳи тақлид ин амалҳоро аз худ мекунанд, ки дар инкишофёбии бозиҳои нақшдору мазмуннок таъсири калон дорад. Аз ҳисоби пайдо шудани сюжетҳои нав таҷрибаи кӯдакон низ зиёд мешавад. Ақидае мавҷуд аст, ки гӯё бозиҳои нақшдору мазмуннок танҳо барои гирифтани донишҳо кӯмак мерасонаду халос. Яъне дар бозӣ тасаввуротҳои худро кӯдак мустаҳкам намуда, дониши худро доир ба муҳити атроф васеъ мекунад. Аммо қиммати чунин бозиҳо пеш аз ҳама дар инкишофи психикӣ

ва таҷрибаи ҳаматарафаи кӯдак дар он аст, ки у вазъияти дар хаёли худ тасаввуркардаро такмил дода, кӯдак аз бозии бо ашё ба бозии бе ашё, ки худаш эҷод мекунад ва он инкшофи ақлии ӯро муайян мекунад мегузарад. Инчунин гузариш аз бозиҳои алоҳидаи фардӣ ба бозиҳои гурӯҳӣ ба вучуд меояд, ки ин имкониятҳои қобилияти эҷодии кӯдакро васеъ мегардонад.

Кӯдакон дар синни барвақти бачагӣ асосан дар алоҳидагӣ бозӣ мекунанд. Ин аз он хотир аст, ки ҳоло дар байни онхо муносибат вуҷуд надорад. Онҳо аз ӯҳдаи тақсим намудани бозичаҳо, ашёҳо, нақшҳо баромада наметавонанд. Чунки дар ин синнусол барои онхо иҷро намудани ин вазифаҳо хеле душвор аст. Бозиҳои кӯдакони хурдсол дурудароз давом намеёбад: дар дусолагӣ аз 3 то 10 дақиқа ва дар сесолагӣ агар диққаташон парешон нашавад то 30-40 дақиқа давом мекунад. Ҳамчун фаъолияти пешбаранда ва мустақилона баромад кардани бозиҳои нақшдору мазмуннок дар оянда, аз заминаи он, яъне аз бозии давраи хурдсолӣ вобастагии калон дорад. Мазмуни бозиҳои кӯдакони хурсол аз муҳити гирду атроф гирифта шуда, аслан ба худ номҳои «Хоначабозӣ», «Боғчаи бачагон», «Духтурхона», «Саворaи автобусу тролейбус»-ро мегиранд. Мавзӯҳо якранг, якхела, такроршаванда мебошанд, яъне як амалиёт якчанд маротиба такрор меёбад. Масалан, духтарчаи 3-сола аз қуттии кубикчаҳоро бароварда, ба болои миз мегузорад ва боз онҳоро ба дохили қуттӣ мегузорад- ин бозии у «Боғчаи бачагон» ном дорад. Ҳангоми бозӣ кӯдак якчанд сухан мегӯяд ё тамоман гап намезанад. Дар чунин бозиҳои худ кӯдакон табиати ғайризиндаро зинда мегардонанд, ба ҳар як эҷодиёти худ номҳои ғалатӣ мегузоранд, яъне қуттӣ ин- кӯдакистон ва кубикҳо бошанд, кӯдаконе, ки ба онҳо номгузорӣ кардаанд. Онҳо аз хона ба боғча ва аз боғча ба хона мераванд. Ин гуна амалиётҳо тасаввуротҳои хаёлӣ, тафаккур, қобилияти эҷодии кӯдакон ва нутқи онҳоро инкишоф медиҳанд. Инкишофи кӯдак дар бозӣ – ин гузаштан ба олитарин натиҷаи дурударози зина ба зина ташаккулёфта ба ҳисоб меравад. Чӣ тавре, ки қайд намудем дар бозӣ инкишофи фикрии кӯдак ба вуҷуд меояд, ки ин бевосита ба инкишофи ахлоқӣ-маънавӣ, эстетикӣ, ҷисмонӣ алоқаманд аст.

Дар бозӣ вазифаҳои тарбиявӣ низ иҷро мегардад, ки дар кӯдак рафтор ва ҳисси зебоипарастиро ташаккул медиҳад. Бозии хуб ба кӯдак ҳаловат мебахшад ва ба саломатии у таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар синни 4-5 солагӣ дар бозии онҳо дигаргуни ба вуҷуд меояд, яъне бозии онҳо характери гурӯҳӣ пайдо мекунад. Дар рафти бозиҳои гурӯҳи кӯдакон бо ҳамсолон ба муоширати нутқӣ ва ҳамкорӣ дохил шуда, ба ин восита ҷаҳонбинии ботиниашон бой мегардад. Тарзи бо калонсолон муносибату муошират карданро меомӯзанд. Муносибати байниҳамдигарӣ дар бозиҳои якҷоя пайдо шуда, инкишоф меёбанд. Кӯдакон бо ҳам баҳс мекунанд, munоқишаҳои сарзадаро ҳал мекунанд. Дар чунин мавридҳо калонсолн бояд бозии онҳоро назорат баранд.

Дар бозиҳои нақшофарию мазмуннок кӯдакони синни томактабӣ дониш, маҳорат, малака ва таҷрибаҳои аз худ кардаашонро ба хотир оварда, онҳоро бо тағироту дигаргуни ва иловаҳо дар бозӣ истифода мебаранд.

Нақш офаридан дар бозӣ дар кӯдакон тарзу усули бо бозича, ашё, ҳамсолон муносибат карданро инкишоф медиҳад. Ба ғайр аз ин дар бозӣ кӯдакон ҳаёти иҷтимоӣ, расму анъанаҳои миллии мардумиро инъикос менамоянд ва ба ин восита дар онҳо ҳисси худшиносии миллӣ ташаккул меёбад. Оиди касбу ҳунарҳои гуногун тасаввуроташонро бой мегардонанд. Кӯдак ҳамон касбҳоеро интихоб мекунад, ки оиди он маълумот дорад: табобатхона, мактаб, сартарошхона, мағоза, кӯдакистон, нақлиёт ва ғайраҳо.

Бозиҳои нақшофарию мазмуннок яке аз воситаҳои инкишофи маҳорату малакаҳои меҳнатӣ ба шумор меравад, ки дар рафти он кӯдакон на танҳо иҷрои амалҳои меҳнатиро (ороиши хона, рӯбучини гирду атроф, пухтани хӯрок, шустани табақу коса, сару либоси лӯхтак, аз бозор харида овардани маводҳои рӯзгор ва хӯрока, меҳмонқабулкунӣ) аз худ мекунанд, инчунин маҳорату малакаҳои меҳнатияшон барои оянда ташакул меёбад. Ин намуди бозӣ дар инкишофи фаъолиятҳои маърифатӣ, холатҳои эмотсионалӣ, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ аҳамияти калон доранд. Кӯдакон дар бозӣ ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсиро инъикос намуда, ба фаъолияти таълимӣ омода

мешаванд. Дар синни 5-6 солагӣ бозиҳо шакли гурӯҳӣ пайдо мекунанд, бозиҳо гуногуншакл ва мушкилфаҳм мешаванд. Мазмуни бозӣ васеъ шуда, ҳаёти ҷамиятии кишвар ва тамоми инсониятро фаро мегирад. Масалан: онхо бозиҳои «Сайёҳат ба кайҳон», «Сулҳ», «Ҷанг»-ро интихоб мекунанд.

Мавзӯи бозиҳои кӯдакон пешакӣ ба нақша гирифта мешавад, онҳо бо ҳам масилиҳат мекунанд, нашқҳоро тақсим мекунанд ва таҷҳизотҳои лозимиро интихоб мекунанд. Дар фаълияти бозӣ муошири байни кӯдакон хотир ва диққати ихтиёрӣ низ такмил ёфта, талаботҳои заруририро ба иҷро мерасонад: ташаббускорӣ, қобилияти идоракунӣ, ки инҳо дар кӯдакон сифатҳои навро-хушмуомилагӣ, ҳисси ҷавобгарӣ, мустақилятнокиро ба вуҷуд меоранд. Инчунин ба шахсияти онҳо таъсир мерасонад. Барои инкишофи протсессҳои психикӣ ва амалҳои фикрӣ калонсолон бояд барои кӯдакон бозӣ эҷод намоянд ва онҳоро ба бозӣ ҷалб намоянд.

Ҳамин тариқ, инкишофёбии ин намуди бозиро дар кӯдакони гурӯҳи миёна, калон ва омодагӣ ба мактаб дида мебароем:

ГУРӮҲИ МИЁНА. Бозиҳои нақшофарию мазмуннок дар ҳаёти кӯдакони 4-5 сола вазифаи пешбарандагиро иҷро мекунад. Акнун дар онҳо на танҳо мақсади бозӣ кардан, балки чӣ тавр иҷро намудани ин ё он нақш дар пеш меистад. Нақшро ба ӯҳда гирифта, кӯдак ба ҳамаи талаботҳо ва қоидаҳои он итоат мекунад. Мазмуни асосии бозии онҳоро акнун на танҳо бозича ва талаботҳо ба он, балки инчунин муносибатҳои байни одамон ташкил медиҳад.

Мутахасисон таъкид мекунанд, ки барои боз ҳам инкишоф додани бозиҳои нақшдору мазмуннок дар баробари ин бозиҳо бозиҳои дигари қоиданоке, ки қобилияти донистагирии кӯдаконро таъмин менамоянд ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳоро ба тартиб медарорад, барои боз ҳам мустакилона амал кардани кӯдакон мусоидат мекунанд, бояд гузаронида шаванд. Дониши кӯдакони 4-сола зиёд шуда, вазифаҳои мураббия низ тағйир меёбад. Дар асоси донишҳои пештара ва таҷриба ба бозиҳо роҳбарӣ намуда, кӯдаконро бештар ба мустақилӣ пешбарӣ мекунад. Барои боз ҳам ҷолиб гузаштани бозӣ

ба он бозичаҳои гуногунро ворид намудан лозим аст. Вобаста ба ин масъала аз хотираҳои давраи кӯдакии духтари Л.С.Виготский – Гита Львовна Виготская маълум мешавад, ки ашё ё худ бозича дар бозӣ то кадом андоза аҳамият дорад. Маҳз дар синни 4-5 солагӣ кӯдак ба ашёҳое, ки дар бозӣ истифода мебаранд диққат медиҳанд. Барои Гита дар бозии нақшдору мазмуннок сӯзандору лозим буд ва ӯ аз падараш хоҳиш мекунад, ки барояш аз рафиқонаш сӯзандору дарёфт намояд. То ин ки дар бозӣ бо ашё амалиёт гузаронад, вагарна барои кӯдак бе ашё бозӣ кардан ҳеҷ маъно дорад, ё худ кӯдак ба мақсади худ намерасад. Аз ин маълум мешавад, ки кӯдак амалҳоеро, ки дар бозӣ ашёҳои аслие, ки дар шакли бозича сохта шудаанд, ё худ аз нимпартовҳое, ки бо худи кӯдакон аз онҳо бозича сохтаем истифода бурдан мумкин аст.

Дар синни 4-5 солагӣ ба кӯдакон иҷро намудани накшҳои мураккабро пешниҳод намудан лозим аст. Яке аз вазифаҳои асосии мураббия дар гурӯҳи миёна ҳангоми бозиҳои нақшдору мазмуннок- ин давом додани корҳои як сол пеш саркардашуда мебошад: диққати кӯдаконро ба ба дигар кӯдакон равона намудан, бо онҳо бештар ба муоширати нутқи дохил шудан, истифодаи бозичаро дар бозӣ то як андоза кам кардан. Нутқи инкишофёфтаи кӯдак имконият медиҳад, ки онхо нақши худро хуб бозида, захираи луғавиашонро бой гардонанд ва дар асоси ин мазмуни бозиҳои худро боз ҳам васеъ намоянд. Дар ин синнусол кӯдакон ҷои бозиро интихоб намуда, мавзӯи асосии бозӣ ва таркиби онро фикр карда мебароянд, нақшҳоро тақсим намуда, ҷои бозиро омода месозанд. Ҳангоми бозӣ байни онҳо мунокиша, низоъ ба вуҷуд омада метавонад, дар чунин ҳолатҳои монеавӣ мураббия метавонад, ба бозӣ дохил шуда, онро ба дигар самт равона намуда, вариантҳои дигарро пешниҳод намояд. Барои мукаммал намудани тасаввуроти кудакон дар бораи касбу корхои гуногун, мураббия бояд бо кӯдакон дар ин бора сӯҳбат гузаронад, экскурсияҳо ташкил намояд, ба кӯдакон мушоҳидакориро омӯзонад.

Дар ин гурӯҳ бозиҳои кӯдакон асосан чунин номҳоро мегиранд: «Боғи ҳайвонот», «Сартарошхона», «Таъмири пойафзол», «Кинотеатр», «Қаҳвахона» ва ғайраҳо дар натиҷаи ин гуна бозиҳо дар кӯдакон мустакилнокӣ, фаъолнокӣ, худбоварӣ, рохбарӣ, ташкилотчигӣ ва дигар сифатҳои шахсӣ инкишоф меёбад.

Барои бо муваффақият ба анҷом расонидани вазифаҳои бозиҳои нақшдору мазмуннок дар гурӯҳи миёна тарбиятгар бояд:

- Ба ҳар як кӯдак имконият диҳад, ки худро дар ин ё он нақш санҷида тавонад;
- Мураккаб намудани нақшҳое, ки дар давоми соли гузаштаи тарбиягирӣ аз худ карда шуда буд;
- Ба кӯдакон иҷозат диҳад, ки ҳар нақше, ки барояшон писанд ва фаҳмо аст, иҷро намоянд;

Ҳар як муввафақияти кӯдакро қадр намуда, иҷрои нақшҳои навро омӯзонад.

ГУРӮҲИ КАЛОН: бозиҳои нақшофарию мазмуннок дар гурӯҳҳои калони томактабӣ дастовардҳои худро дорад. Мураббия дар ин давра дар бозӣ ҳамчун маслиҳатчӣ ва баъзан иштирокчии бозӣ баромад мекунад. Ӯ метавонад ба кӯдакон якчанд сюжетро пешниҳод намояд. Саволҳое, ки мураббия ба миён мегузорад, ба кӯдакон дар бораи таркиби сюжет , чиҳоро дар бар гирифтани он маълумоти пурра дода метавонад, ки дар асоси ин онҳо метавонанд сюжети бозиро мушаххас ба ҷо оранд. Дар дигар суръат бошад, мураббия метавонад танҳо мавзуъ ва мазмуни бозиро ба таври умумӣ кайд карда гузарад ва давоми онро кӯдакон аз рӯи дониши худ идома дода, идеяҳои навро ҳосил мекунанд. Бой шудани сюжети бозӣ дар асоси бо муваффақият иҷро намудани нақшҳо ба вуҷуд меояд. Ин аз он дарак медиҳад, ки бозии кӯдакон то як дараҷа ба сатҳи баланд расидааст. Ҳамин тавр, занҷири муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ҳисси ҷавобгарӣ дар вазъиятҳои гуногун, бо ҳам наздиктар шудани иштироккунандагони бозӣ шакл гирифта, мустаҳкам мешаванд. Масалан: инҷо мо метавонем акси як бозии бачаҳоро мисол биёварем. Дар бозии «Беморхона». Як гурӯҳи кӯдакон табибон- беморонро аз назар мегузаронанд, духтури дандон- дандон табобат мекунад, духтури касалиҳои дил- набз месанҷад, дар берун бошад, мошинаи

ёрии таъҷилӣ зарардидагони сӯхторро ба беморхона мекашонад. Яъне дар наздикии беморхона хонаи истиқоматие карор дорад, ки дар он сӯхтор ба амал омадааст ва ба сӯи он мошинаю бригадаҳои сӯхторхомушкунӣ шитоб доранд. Мураббия кӯшиш мекунад, ки бо роҳи зерин идеяҳои навро ба вуҷуд орад: «Ман барои уттокҳои кори таҷҳизотҳои нав харидорӣ намудам, мана-ин асбобҳо барои маҳс» ва амсоли инҳо.

Дар ин гуна бозии гуногуншоха педагог ҳамчун режисёр баромад намуда, фаъолияти кӯдаконро идора мекунад, ба муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо мусоидат мекунад ва аз болои он назорат мекунад, ки мазмуни бозӣ пурра инкишоф дода шавад. Баъзеи кӯдакон фаъол буда, зуд нақшҳои роҳбарикунандаро ба уҳда мегиранд, гуруҳи дигари кӯдакон низ фаъол буда ба фикри онҳо розӣ мешаванд, вале гурӯҳи сеюми кӯдакон бошанд, то тақсим шудани нақшҳо худро ба канор гирифта, мехоҳанд нақшҳои тайёр ва осонро иҷро намоянд. Чунки дар худи ин гуна кӯдакон қобилияти эҷодкорӣ вуҷҷуд надорад. Аз ин хотир ин гуна кӯдакони пасивро ба бозӣ ҳар чӣ бештар ҷалб намудан лозим аст. Аз онҳо хоҳиш карда шавад, ки ин ё он супориши соддаро иҷро намоянд, (илтимос ин мактубро ба почта бар).

Истифода бурдани ашё низ дар ин гурӯҳ хусусияти хоси худро дорад. Агар дар синни 4-5 солагӣ кӯдак ба шакли асосии ашё диққат дода кӯшиш мекард, ки дар бозӣ бештар аз он истифода барад.(сӯзандору дар шакли аслияш, ё худ бозичаи ба асл монанд, асбобҳои рӯзгор, лавозимот барои сартарошхона ва амсоли инҳо), дар синни 5-6 солаги алакай ин ашё бо дигар ашёҳои ба он монанд иваз карда мешавад. Масалан, кӯдакон ба ҷои сӯзандору чубча ва ба ҷои табақча аз пораи когаз ё барги дарахт истифода мебарад. Ин амал муайян мекунад, ки инкишофи психикии кӯдакон то кадом андоза пеш рафтааст, чунки ҷойивазкунии як ашё бо ашёи дигар бошуурона ба амал меояд. Маълум шуд, ки кӯдакон дар ин давра ба ҷои сӯзандору ягон ришта ё когазпораро интихоб накрданд, балки он чизеро интихоб намуданд, ки ба сӯзандору шабоҳат дорад. Калонсолон бояд дар интихоби ашё низ чун

маслиҳатчӣ баромад намуда, имконият диҳанд, ки бештар мустақилиятии кудак зохир шавад.

Барои инкишоф додани бозии кӯдакон мураббия метавонад аз усулҳои зерин истифода барад: мураббия ба кӯдакон фақат номи мавзӯро пешниҳод менамояд, оғози онро худаш сар мекунад ва давоми нақли онро аз кӯдакон талаб мекунад.Ё ин ки аз кӯдакон хохиш мекунад, ки дар бораи ин ё он ашё афсона эҷод намоянд.

Барои бо муваффақият анҷом додани вазифаҳои бозиҳои нақшофарию мазмуннок дар гурӯҳи калон мураббия бояд корҳои зеринро ба иҷро расонад:

- Дар бозӣ ашёҳоро камтар истифода барад, то ин ки диққати кӯдакон аз мазмун ба ашё равона нашавад;
- Бо мақсади ба вуҷуд овардани навовариҳо ва мураккаб шудани мазмун, бозиҳои режисиёрии кӯдаконро инкишоф додан ва фантазияи онҳоро бой намудан;
- Ҷудо кардани вақт барои бозиҳои фардӣ бо ҳар як гурӯҳ;
- Муваффақияти кӯдаконро иброз намуда, иҷро намудани нақшҳои навро омӯзонидан;
- Қайд намудани дастовардҳои кӯдакон дар нақшофарӣ ва муносибат.

ГУРӮҲИ ОМОДАГӢ БА МАКТАБ. Дар бозии кӯдакон дар ин гурӯҳ дигаргуниҳо ба вуҷуд меояд. Вай аз рӯи гуногуншаклии мавзуъ, нақш, қоидаҳои бозӣ ва амалиёт дар он аз дигар давраҳо фарқ мекунад. Муносибати эҳтиёткорона ба қоидаҳои бозӣ аз он дарак медихад, ки то кадом андоза кӯдак ҳодисаҳои иҷтимоиро аз худ намудааст. Нақшиҷрокунӣ кӯдаконро ба итоат намудан ба қоидаҳои иҷтимоӣ ва риоя намудан ба қоидаҳои рафтор водор месозад. Агар дар гурӯҳҳои поёнӣ дар интихоби нақш иникоси зоҳирии он диққати кӯдаконро ба худ ҷалб намояд, дар ин давраи синнусолӣ бошад, аҳамият ва манфиати иҷтимоии он дар назар аст. Барои ҳамин ҳам ба кӯдакони ин синнусол нақл кардани ҳикояву ҳодисаҳои иҷтимоӣ аз манфиат холӣ нест. Дар ин давра барои кӯдакон нақлҳо дар бораи одамони машҳур (наҷотдиҳандагон, кайхонавардон), ҳодисаҳои фантастикӣ,қиссаҳои шавқовар аҳамияти ниҳоят калон дорад.

Инчунин дар ин давра кӯдакон пешакӣ маслиҳат намуда, сюжети бозиро ба қисмхо тақсим мекунанд ва таҷҳизотҳои лозимаро ҷамъ меоваранд, қоидаҳои

бозиро муайян мекунанд, нақшҳоро байни худ тақсим мекунанд.  Кӯдакон бо майлу рағбати зиёд бозӣ намуда,  ҳар як кӯдак кӯшиш мекунанд, ки бештар нақшҳои моҳияти иҷтимоидоштаро иҷро намояд. Ба монанди: соҳибкор, менеджер,  ва гайра. Ҷои бозӣ худ ба худ шакл гирифтан мегирад ва кӯдакон маводхҳои гуногуни дастисоз, бозичаҳо ва дигар ашёҳоро истифода мебаранд. Мазмуни бозии онҳо аз таҷрибаи ҳаёт, китоб, аз диафилму кинафилмҳо, ҳикояҳо, аз тасаввуротҳои мусиқавӣ ва санъати тасвирӣ, аз экскурсияҳо ва гайра сарчашма мегирад.  Бозиҳои кӯдакони гурӯҳи омодагӣ ба мактаб бояд тамоми ҳодисаҳои ҳаёти гузашта ва ҳозираро, ки он аз фантазия, тахаюлот ва дарки зебоипарастӣ холӣ нест, фаро гирад. Давомнокии бозии онҳо аз назорати доимии мураббия вобастагӣ дорад. Дар аввалин бозиҳои давомдор мураббия бояд фаъолона иштирок намуда, дар ташкил ва гузаронидан он дар шакли пурра саҳми худро гузорад ва дар бозиҳои минбаъда, ки мазмунан мураккаб шудан магиранд, фақат мушоҳида намуда, барои ёрӣ ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор гирад. Масалан, мураббия касбҳои гуногунро номбар намуда, аз кӯдакон хоҳиш мекунад, ки доир ба онҳо нақл тартиб диҳанд. Барои ҷалб намудани кӯдакони 6-7 сола ба бозии нақшдору мазмуннок пеш аз ҳама бояд ба он тайёрии хуб дид. Зеро дар ин намуди бозиҳо навгониҳое ҷой доранд, ки онҳоро бояд аз худ намуд, ки ин ҳам бошад барои шавқи донистагирии кӯдаконро зиёд намудан аҳамияти калон дорад. Дар кӯдакон бояд ҳатман фаъолияти коллективи ташаккул дода шавад. Ба ин ба миён гузоштани ситуатсияе, ки дар кӯдакон фикрҳои иловагиро ба вуҷуд меорад, мусоидат мекунад. Масалан, ашёҳои ғайриоддӣ, хондани китобҳои шавқовар. Ба ин восита тахаюлоти нав тавлид шуда, лоҳаҳои устувор ва нақшаҳои фантастикӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин тайёрии ниҳоят пухтаро талаб мекунад. Мисол: барои бозии «Сайёхат» бояд таҷҳизотҳо пешакӣ тайёр карда шаванд, ба монанди либосҳои гарм, зарфҳо барои хӯрокхӯрӣ, палаткаҳои туристӣ, харитачаҳо барои муайян намудани самт, асбобҳо(компас, барометр). Мураббия тарзи кор бо харита, бо компас ва гайраҳоро ба кӯдакон мефаҳмонад. Инчунин метавонад бозии дидактикии

«Ҷувздони сайёҳро чамъ овар»-ро гузаронад. Ҳангоми омодагӣ дидан ба бозӣ мураббия метавонад, кӯдаконро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, ба онҳо қиссаҳои аҷоибро дар бораи сайёҳатҳо ба мамлакатҳои афсонавӣ нақл мекунад. Кӯдакони алоҳида, яъне гурӯҳчаҳо аз рӯи харитачаҳо ҷои мерафтаи худро муайян намуда, кӯшиш мекунанд, ки ҳар чӣ бештар дар бораи аҳолӣ, олами ҳайвоноту наботот, боду хаво, миллат, забон, одату анъанаҳои он ҳалқ маълумотҳо гиранд. Бо омӯхтани олами ҳайвоноти он ҷойҳо кӯдакон тарзи кашидани расм ва сохтани суроби ҳайвонҳоро ба иро мерасонанд. Кӯдакон бозии худро таҳлил менамоянд. Пешравии бозӣ аз дараҷаи маҳорату малакаи донистагирии онҳо вобастагии калон дорад. Вазифаи асосии мураббия фаъол гардонидани тафаккури эҷодии кӯдакон мебошад. Дар синну соли омодагӣ ба мактаб дар бозӣ кӯдакон бештар амалҳои интихобнамоии бозичаҳои ивазкунандаи ашёҳо, ҷо ба ҷо гузоштани қисматҳои бозӣ ва бозичаҳоро ба иҷро мерасонанд. Акунун кӯдакон маводҳои бозикуниро дар шакли худсоз ва дигар канструксияҳоро барои ташкил намудани муҳити предметии бозӣ худашон интихоб менамоянд. Сохтани бозичаҳоро махсус барои ин ё он бозӣ кӯдакон метавананд, чӣ тавре, ки дар машғулиятҳои меҳнат ва тартибдиҳӣ иҷро мекунанд, ҳамин гуна пеш аз саршавии бозӣ ба анҷом расонанд. Мураббия бояд барои ин гуна фаъолият вақт ҷудо намояд ва инчунин метавонад доир ба беҳтарин намунаҳо озмун ташкил намояд. Бозиҳои нақшдору мазмунноки кӯдакони давраи омодагӣ ба мактаб бояд дорои мазмуни мухталиф бошад ва чабҳаҳои муҳими ҳаёти инсониятро фаро гирад, зеро он аз воқеаву ҳодаисаҳои фавқуллода, бофташуда, зебоипарастӣ хеле бой аст. бо мақсади ташаккул додани ҳисси зебоипарастӣ дар кӯдакон ва аз тарафи худи онҳо муайян намудани мавқеи худ дар ҷомеа, тарбиятгар бояд барои намуна аз маводҳои бадеӣ ва ҳаётиро истифода барад. Дар ин ҷо ашёҳои зебо нақши калон доранд. пеш аз ҳама кӯдаконро бояд ба меҳнати дастӣ ҷалб намуд, зеро бо сохтани маводҳои гуногун кӯдакон на танҳо онҳоро омӯхта мегиранд, балки инчунин оид ба роҳу усулҳои тайёр намудани онҳо ба атрофиён маълумот дода метавонанд. Онҳо маводҳои

сохташударо дар бозиҳои худ истифода бурда, фаъолияти эҷодии худро ташаккул медиҳанд.

Бозии кӯдакони синни 6-7 сола хусусияти омехташавии бозиҳои дигар-драматизатсионӣ, дидактикӣ, серхаракат, бозӣ-дилхушиҳо дар бозиҳои нақшдору мазмуннок дида мешавад, ки ин аз дараҷаи дониши кӯдакон ба амал меояд.

Самти асосии мақсади мураббия дар кӯдакони ин давраи синнусолӣ ба пайдо намудани ваҷҳҳои лозима барои омодагии кӯдакон ба фаъолияти таълимӣ дар мактаб равона карда шудааст. Кӯдакон дар бозии «Мактаб» бо шавқу завқи баланд бозӣ карда, ба онҳо иҷро намудани нақши муаллим ва талаба хело писанд аст. Дар аввал онҳо дар бораи мактаб маълумоти кофӣ надоранд, баътар дар охири сол ин донишҳояшон васеъ мешавад. Ба кӯдакон бояд фаҳмонда шавад, ки олами мактаб ин олами аз ҳама равшан, нек аст, ки ин метавонад на танҳо шавқи кӯдаконро дар бозӣ зиёд намояд, инчунин дар онҳо хоҳиши дар мактаб таҳсил намуданро пайдо мекунонад. Дар ин давраи синнусолӣ бозии эҷодии онҳо шакли драмматизатсионӣ мегирад. Шакли зоҳирии ин намуди бозӣ аз ҷиҳати мазмун, иҷрои нақшҳо, қоида, инчунин ҳиссиётҳои нақшбозӣ ба ҳам монанд буда, ҳар ду намуди ин бозиҳо ни диққати кӯдаконро ба муносибати байниҳамдигарии одамони гирду атроф ҷалб менамоянд ва маҳз ҳамин намуди бозиҳо фаъолияти озоди эҷодии кӯдакро ташкил медиҳад.

Барои бомуваффақият инкишоф ёфтани бозиҳои нақшофарию мазмуннок мураббия бояд корҳои зеринро ба анҷом расонад:

- Доимо таҳлил намуда истодани фаъолияти мустақилии кӯдакон;
- Бояд дар хотир дошт, ки бозии кӯдакон ҳамеша аз тарафи мураббия ҳамчун коргардон идора карда шавад;
- Инкишоф додан ва мустаҳкам намудани табдилёбии бозиҳои нақшофарию мазмуннок ба бозиҳои драмматизатсионӣ.